**«Тасдиқ мекунам»:**
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон номзади илмҳои техникӣ
________________ Ниёзӣ С. Р.
20 майи соли 2025, №05

# ХУЛОСАИ

шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

Диссертатсияи Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10 – 11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) дар шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло унвонҷӯйи шуъбаи тайёрнамоии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Маҷидзода Ҷамшед Сунатуллот соли 2004 ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда онро соли 2010 бо ихтисоси «Муносибатҳои байналмилалӣ» хатм намуд.

Номбурда бо фармоиши директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 09.02.2021, №179 ба ҳайси унаонҷуй дар шуъбаи докторантура (PhD) ва омодасозии кадрҳои илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи

Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Диссертатсияи Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10 – 11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» бо қарои Шурои олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 01.03.2021, №02 муҳокима ва тасдиқ шуда, роҳбари илмӣ номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Махкамов Д. таъин шудааст.

Мувофиқи маълумотномаи №851 дар бораи имтиҳонҳои номзадӣ, забони хориҷӣ (аглисӣ) баҳои 4 «хуб», таърих ва фалсафаи илм (илмҳои педагогӣ) баҳои 5 «аъло» ва ихтисоси педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот бо баҳои 4 «хуб» супоридааст.

Диссертатсияи Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар ҷаласаи васеи шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 20 майи соли 2025, №05 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муққаризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10 – 11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» чунин хулоса қабул карда шуд:

- мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) пурра мутобиқат дошта, муҳтавои он ба самтҳои методологӣ, назариявӣ ва амалии илми педагогика равона шудааст;

- мавзуи таҳқиқот ба яке аз самтҳои калидии рушди маорифи миллӣ – ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии насли наврас дар шароити таҳсилоти умумӣ – дахл дошта, бо ҳадафҳои стратегӣ ва консепсияҳои давлатӣ мутобиқат дорад;

- дар кори илмӣ усулҳои нав, асосҳои назариявӣ ва моделҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии хонандагон пешниҳод гардида, далели мавҷудияти навоварии илмӣ мебошад. Муаллиф назария ва амалияи таълимро ба таври замонавӣ таҳлил намуда, роҳҳои нави омӯзишро асоснок кардааст;

- натиҷаҳои тадқиқот дар муассисаҳои таълимии кишвар татбиқ ёфта, тавассути санадҳои дахлдор тасдиқ шудаанд. Чорабиниҳои методӣ ва тавсиявии таҳиягар дар амалия мавриди истифода қарор гирифтаанд ва барои баланд бардоштани сифати таълим хидмат мекунанд;

- Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло тадқиқотро ба таври мустақилона анҷом дода, дар ҳамаи марҳилаҳои он – аз ташаккули масъала то таҳияи хулоса ва тавсияҳо – саҳми шахсии назаррас дорад. Тарҳи тадқиқот, гузаронидани озмоишҳо ва таҳлили натиҷаҳо аз ҷониби худи довталаб амалӣ шудаанд.

Диссертатсияи Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10 – 11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) мутобиқат менамояд:

***Банди 1 – Методологияи таҳқиқоти педагогӣ:*** истифодаи усулҳои таҳлили назариявӣ, мушоҳида, озмоиш, саволнома ва таҳлили эмпирикӣ, ки ба асоснокии илмии таҳқиқот мусоидат менамояд.

***Банди 6 – Консепсияи таҳсилот:*** татбиқи равандҳои инноватсионӣ ва технологияҳои интерактивӣ дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик, арзёбии салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ.

***Банди 7 – Педагогикаи амалӣ:*** баргузории озмоишҳои таҷрибавӣ дар муассисаҳои таълимӣ, таҳлили таҷрибаи амалии омӯзгорон ва пешниҳод намудани тавсияҳои методӣ.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, 3 боб, 9 параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзу ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 то дар маҷалаҳои илмии дар феҳристи Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 4 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

***I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:***

[1-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Ташаккули салоҳияти иттилоотию маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик / Ҷ. С. Маҷидзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф – 2022. – № 2 (38). – С. 151–156. – ISSN 2617-5320.

[2-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Густариши ғояҳои миллӣ тавассути таълими босамари фанни таърихи халқи тоҷик / Ҷ. С. Маҷидзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2022. – № 4 (40). – С. 9–14. – ISSN 2617-5320.

[3-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Нақши анъанаҳои миллӣ дар эҳёи ҳунарҳои мардумӣ тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик / Ҷ. С. Маҷидзода // Маҷаллаи илмии «Номаи Донишгоҳ». – 2024. – № 4 (81). – С. 52–56. – ISSN 2077-4990.

[4-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Ташаккули салоҳияти таърихии хонандагони синфҳои 10–11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун мушкилоти педагогӣ / Ҷ. С. Маҷидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – № 12. Қисми 11. – С. 282–286. – ISSN 2074-1847.

[5-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Ташаккули тавоноии маърифатии хонандагон тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик / Ҷ. С. Маҷидзода // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2024. – № 4 (54). – С. 235–240. – ISSN 2222-9809.

[6-М] Маҳкамов, Д.; Маҷидзода, Ҷ. С. Фаъолияти инноватсионӣ – омили педагогии рушди таҳсилот ва беҳдошти сифати таълими фанни таърихи халқи тоҷик / Д. Маҳкамов, Ҷ. С. Маҷидзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2025. – № 1 (49). – С. 5–10. – ISSN 2617-5320.

***II). Мақолаҳои дар маҷмуаи маводи конференсия ва нашрияҳои дигар ба табъ расида:***

[7-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди таълими таърихи халқи тоҷик: равишҳои муосир ва шароити педагогӣ / Ҷ. С. Маҷидзода // Маводи конфиренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Навсозии мундариҷаи таҳсилот – омили баландбардории сифати таълим ва тарбия дар замони Истиқлолияти давлатӣ». –Душанбе: 2025. С. 204-212.

[8-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Тарбияи ватандӯстӣ ва арзишҳои миллӣ дар раванди таълими таърихи халқи тоҷик / Ҷ. С. Маҷидзода // Маводи конфиренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Истиқлолияти давлатӣ ва рушди саноати миллӣ: самтҳои асосӣ ва дурнамо» бахшида ба 34-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: 2025 – С. 80-93.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10 – 11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз

рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10 – 11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 20 майи соли 2025, протоколи №05 баррасӣ ва қабул карда шудааст.

Раиси ҷаласа: Маҳмудзода О.

Котиби ҷаласа: Ҳасанзода Ю.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Адҳамов, 11/2
E-mail: prmatt@maorif.tj. Тел.: (+992-32) 227-45-25, 227-46-00.

*Имзои О. Маҳмудзода ва Ю.Ҳасанзодаро тасдиқ менамоям.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.